ҚАРОРИ
шурои диссертатсионии 6D.КОА-059 назди назди Институти масъалаҳои об, гидроэнергетика ва экологияи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон

аз «02» апрели соли 2026 ш. Душанбе

Суханронии Толибзода Умеда Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия), тақризи муассисаи пешбар - Муассисаи давлатии илмии «Маркази омӯзиши пиряхҳои Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон», суханронии муқарризони расмӣ – доктори илмҳои география, профессор, профессори кафедраи «Методикаи таълими география ва туризм»-и Донишгоҳи давлатии омӯзгории Тоҷикистон ба номи С. Айнӣ Муҳаббатов Х.М., номзади илмҳои техникӣ, номзади илмҳои техникӣ, муаллими калони кафедраи «Метеорология ва климатология»-и Донишгоҳи миллии Тоҷикистон Одинаев Қ.Н., муқарризони ғайрирасмӣ – доктори илмҳои техникӣ, профессор Ҳақдод М.М., доктори илмҳои техникӣ, профессор Азизов Р.О., доктори илмҳои техникӣ Носиров Н., доктори илмҳои кишоварзӣ, профессор Пулатов Я.Э., ва доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А. шунида, баррасӣ карда, шурои диссертатсионӣ дар асоси натиҷаҳои овоздиҳии пинҳонӣ, хулосаи қабулкардаи худ оид ба диссертатсия, дар бораи асолат, арзиш, навоварӣ ва натиҷаҳои бадастовардаи Толибзода Умеда Олим

ҚАРОР ҚАБУЛ МЕКУНАД:

1. Диссертатсияи Толибзода Умеда Олим дар мавзуи «Хусусиятҳои гидрологӣ ва гидрохимиявии манбаҳои таъмини оби нӯшокӣ» барои дарёфти дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба талаботи бандҳои 31 ва 33-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30 июни соли 2021, № 267 тасдиқ шудааст, комилан мувофиқат мекунад;

2. Маводи илмии чопнамудаи довталаби дараҷаи илмӣ мазмуну мундариҷаи диссертатсияро пурра инъикос менамоянд;

3. Ба Толибзода Умеда Олим дараҷаи илмии номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон,

меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) дода шавад;

4. Барои додани дипломи номзади илмҳои техникӣ аз рӯйи ихтисоси 2.1. Геология, геодезия, гидрология, сохтмон, меъморӣ (2.1.37. Гидрологияи хушкӣ, захираҳои обӣ, гидрохимия) ба Толибзода Умеда Олим аз Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дархост карда шавад.

Хоҳиш мекунам, ки мавқеи худро нисбат ба ин қарори шурои диссертатсионӣ муайян намуда, овоз диҳед.

Тарафдор – 11 нафар. Мукобил – нест. Бетараф – нест.

Қарор якдилона қабул карда шуд.

Раиси шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои техникӣ Гулаҳмадзода А.А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
номзади илмҳои техникӣ Шаймурадов Ф.И.